# НАВРӮЗИ АҶАМ ЗИНДА КУНАД, ХОКИ КУҲАНРО!

Наврӯз ба унвони рӯзи офариниши ҷаҳон, растохези табиат ва нуқтаи эътидоли баҳорӣ ё баробаршавии шабу рӯз дар ҳаёти мардуми ориёӣ, махсусан эронитабор, аз ҷумлаи тоҷикон ба сароғози хуҷастаи таърихие пайваст мебошад. Зеро Наврӯз яке аз куҳантарин боварҳои ақвоми мардуми форсу тоҷик аст, ки фалсафаи зуҳури он ба бисёре аз қавмҳои дуру наздик нуфуз кардааст. Ба унвони яке аз ҷашнҳои байналмилалӣ дар сатҳи Созмони Милали Муттаҳид тасвиб гардидани ин рӯз гувоҳ бар он аст, ки доманаи ҳузури ҷашни Наврӯз дар миёни бисёре аз халқияту милати ҷаҳон тӯли асрҳои зиёде густариш доштааст. Ҳарчанд Наврӯз аз лиҳози асотирӣ, таърихӣ ва этимологӣ ихтирои мардумони эронитабор ва аз ҷиҳати географию этнографӣ мутааллиқ ба арзишҳои фарҳангии фаротар аз қаламрави сукунатдоштаи ин мардумон мебошад, вале дар муддати ҳазорсолаҳо аз дастовардҳои маънавии халқҳои дигар ғанӣ гаштааст. Зеро Наврӯз ҷашнест, ки умеди инсонро ба пирӯзии некӣ бар бадӣ, рӯшноӣ бар торикӣ, гармӣ бар сардӣ қавӣ мегардонад ва одам дар ин рӯз асоси тамоми амалҳои хайрро дар миқёси табиату кайҳон тасаввур кардааст.

Бо вуҷуди ин, дар байни олимону донишмандон, пажӯҳишгарону муҳаққиқон ва ҳатто, мардуми одӣ доир ба пайдоиши Наврӯз афкору андешаҳои яксон вуҷуд надоранд. Ба андешаи муҳаққиқ Меҳрдод Баҳор Наврӯз ҷашни хеле бостонӣ буда, қадимияти он фаротар аз марзҳои шиносоии кунунӣ мебошад. Ба гумони ин донишманд, қадимтарин нишонаҳое, ки дар Осиёи Ғарбӣ аз ҷашни соли нав бозмондаанд, ба нахустин хонадони салтанатии Ур марбут мешаванд. Пажӯҳишгари дигар Ҳошим Разӣ зикр менамояд, ки бино ба ривояти қадими эронӣ (ба забони паҳлавӣ омадааст), дар ин рӯз дар ҷасади инсонҳо рӯҳ ва ҳаракат пайдо шудааст, Эрон дар ҳамин рӯз ба вуҷуд омадааст, Каюмарс деви Арзурро кушт ва аз замин ҷуфти инсон – Машя ва Машяна берун омад. Андар пайдоиши Наврӯз пажӯҳишгар Ризо Шаъбонӣ ривояте морад, ки гӯё мувофиқи он дар Батиҳа бемории вабо хурӯҷ кард ва ҳеҷ кас аз ин беморӣ раҳо наёфт. Дар рӯзи аввали Фарвардинмоҳ бороне борид ва ҳамагон аз нав зинда шуданд ва ин рӯзро Наврӯз хонданд.

Ҳарчанд, дар аксар сарчашмаҳои асримиёнагӣ ахбори ба Наврӯз бахшидашуда, хусусияти асотирӣ доштани онро таъкид менамоянд, вале дар онҳо ду ҷиҳати хеле муҳимми пайдоиши Наврӯз баён гардидааст. Аввалан, дар қисми аъзами ин маъхазҳо оғози таҷлили Наврӯзро ба шоҳони эронитабор мансуб медонанд. Аллома Димишқӣ дар китоби «Наҳбат-уд-даҳр» изҳор кардааст: Наврӯз, ки иди бостонист ва ҳавзаи фарогирии он

борҳо тағир хӯрда, хеле фарох аст. Наврӯз аз айёме , ки чархи гардун ба гардиш омадаст, яъне аз он даврае, ки ҷамияти инсонӣ пайдо шудааст,таҷлил мешавад.

Ҳаким Умари Хайём бошад, дар «Наврӯзнома»-и хеш дар тавзеҳи пайванди ҷашни Наврӯз ба Ҷамшеди пешдодӣ дар тафовут бо пиндори пешиниён ироа доштааст: «*Сабаби ном ниҳодани Наврӯз он будааст, ки чун бидонистанд, ки Офтобро ду давр будааст, яке он ки ҳар сесаду шасту панҷ рӯзу рубъ аз шабонарӯз ба аввали дақиқаи Ҳамал боз ояд ба ҳамон вақту рӯз, ки рафта буд, бад-ин дақиқа натавонад омадан, чи ҳар сол аз муддат ҳаме кам шавад. Ва чун Ҷамшед он рӯзро дарёфт, «Наврӯз» ном ниҳод ва ҷашн оин овард. Ва пас аз он подшоҳон ва дигар мардумон бад-ӯ иқтидо карданд*». Аксарияти сарчашмаҳои таърихӣ ба он далолат мекунад, ки Наврӯз дар давраи салтанати Пешдодиён дар замони ҳукмронии Шоҳ Ҷамшед пайдо шудааст. Масалан Абурайҳони Берунӣ дар китоби «Осор-ул-боқия» овардааст, ки «чун Ҷамшед барои худ тахт бисохт, дар ин рӯз бар он савор шуд ва ҷину шаётин онро бардоштанд. Ва ба як рӯз аз кӯҳи Дамованд ба Бобул омад. Мардум аз дидани ин амр дар шигифт шуданд ва ин рӯзро ид гирифтанд».

Бояд зикр намуд, ки мувофиқи маълумоти осори Абурайҳони Берунӣ чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки ин донишманд ба таври густурда дар бораи ҷашн гирифтани Наврӯз хабар медиҳад ва мегӯяд, ки мардуми давронаш бо покиза гардонӣ ва оростану пиростани хонаву кошона аз Наврӯз истиқбол менамуданд.

*Наврӯзи аҷам зинда кунад, хоки куҳанро,*
*Аз нав бикунад ҷома бар тан боғу чаманро***.**

***Хушқадамова Шоира*** *- ходими калони илмии шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ - педагогӣ.*